# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 - Адабиёти тоҷик . – Душанбе, 2023. – 24 саҳ.**

Дар таърихи адабиёти тоҷику форс осори таҷумавӣ мавқеъ ва мақоми хос дошта, дар рушду такомули ин бахши адабиёти гузаштаи мо нақши адабиёти аз забонҳои сарзамини Ҳинд баргардоншуда назаррас мебошад, ки аз пурбортарин марҳилаҳои он ба давраи ҳукмронии сулолаҳои эронии кишвари паҳновари Ҳиндустон рост меояд. Бо истилои Ҳиндустон аз тарафи Ғазнавиён ва баъдтар Ғуриёну Бобуриён неруҳои адабӣ ва илмӣ ҳам аз тамоми нукоти Эрону Хуросону Мовароуннаҳр вориди ин сарзамин гардиданд, ки бо ошноии онҳо бо адабу фарҳанги пурғано ва бостонии ин кишвар фазои фарҳангӣ, забонӣ ва илмию мазҳабии он ҷо дучори дигаргуниҳои азим гардида, табодули фарҳангӣ-забонӣ ва иртиботу ихтилоти онҳо то чанд қарн идома ва ба шеваву равишҳое гуногун анҷом мепазируфт, ки дар ин бархурдҳои фарҳангӣ нақшу ҷойгоҳи тарҷумаи осори бадеӣ хеле калон мебошад. Аз ҳамин дидгоҳ мавзуи рисолаи илмии Манонзода Абубакр Манон, ки “Достони “Рамаяна” ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он” унвон дорад, мубрам ва дорои арзиши илмӣ мебошад. Интихоби тарҷумаи форсии тоҷикии нахустин достони ҳамосии Ҳинди бостон, ки бино бар таҳқиқи муаллифи рисола чандин тарҷумаҳои он ба анвои гуногуни назму насри форсии тоҷикӣ мавҷуд мебошад, ба сифати мавзуи таҳқиқ набояд тасодуфӣ бошад, зеро то ин замон дар ин маврид касе таҳқиқоти лозими дархури мутахассисонро анҷом надодааст. “Рамаяна”, ки дар асри IV то мелод аз тарафи Валмики дар бисту чор ҳазор шлок (байт) ба забони парокрит эҷод

шудааст, ки баъд аз ду-се аср аз тарафи касони гуногун ба забони санскрит баргардон ва ба шакли имрӯзӣ даромадааст. Аз замони Акбар (ҳукмр.1556-1605) он ба фармони ҳамин подшоҳи илму адабпарвар дар соли 1581 аз тарафи Абдулқодири Бадоунӣ ба форсии тоҷикӣ баргардон мешавад. Машҳуртарин тарҷумаи ин асар ба қалами Шайх Масеҳои Понипатӣ дар навъи адабии маснавӣ мебошад, ки рисола асосан ба таҳлилу баррасии адабию ҳунарии ҳамин асар, ки "Ром ва Сито" унвон гирифтааст, бахшида шудааст. Аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, ки муаллиф аз уҳдаи ҳалли масъалаҳо дар пеши худ гузошта баромадааст.

Дар автореферат чанд нукта ба назар расид, киислоҳи онҳоро ногузир мешуморем:

1. Дар матни автореферат калимаҳои иқтибосии арабии камистеъмол истифода шудаанд, ки муродифҳои тоҷикии онҳо мавҷуд ва бояд ба ҷойи онҳо истифода мегардиданд, мисли калимаҳои "шибҳи қорра" (саҳ.3), "вофир" (саҳ. 19), "таҳкия" (саҳ.16) ва ғ.
2. Теъдоди абёти маснавии "Ром ва Сито" дар як ҷой 5308 байт(саҳ.9) ва дар ҷойи дигар 5408 байт (саҳ. 22) омадааст, ки бояд ададӣ дурусти он навишта шавад.

Эродҳои ёдшуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда мебошанд ва ба сатҳи илмии таҳқиқот таъсир гузошта наметавонанд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Манонзода Абубакр Манон дар мавзуи «Достони "Рамаяна" ва тарҷумаҳои форсии тоҷикии он» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба меъёрҳои талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. - Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.

Номзади илми филология, мудири
кафедраи забонҳои хориҷии
Донишгоҳи давлатии Данғара Усмониён Нозила Усмон

Имзои Усмониён Н.У. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо
Донишгоҳи давлати Данғара Асадуллоева Д.

Нишонӣ: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25;
Тел:+992)900 85 38 48
E-mail:ddd@mail.ru

7.09.2023